# ХУЛОСАИ

комиссияи экспертии шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 046 назди МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров» оид ба диссертатсияи **Шарипова Фотима Абдуфаттоевна** дар мавзӯи «**Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо(дар мисоли фанҳои математика ва физика)**», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) пешниҳод шудааст.

Комиссияи ташхисӣ назди Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 046 –и назди МДТ –и «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» дар ҳайати раиси комиссия **Исломов О.А.,** доктори илмҳои педагогӣ, профессор, аъзоён **Олов С.,** номзади илмҳои педагогӣ, дотсент, **Камолова М.Ф.**, номзади илмҳои педагогӣ оид ба қабул намудани диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 –Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) барои ҳимоя ва муайян кардани рӯзи ҳимоя.

Мавзӯи интихоб намудаи Шарипова Ф.А. таҳти унвони «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо(дар мисоли фанҳои математика ва физика)» яке аз мавзӯъҳои мубрам ҳисобидан мумкин аст, зеро дар шароити имрӯза рушди босуръати ҷомеаи муосир, ҷаҳонишавӣ ва таҳаввулот дар ҷомеа ва ҷаҳон, тағйирот дар шуури ҷамъиятӣ аз соҳаи маориф низ канор намонда, дар назди хонандагон, таълимгирандагон ва донишҷӯёни муосир талаботҳои нав ва торафт мураккабтарро мегузорад. Хатмкардаи мактаб, муассисаи миёнаи касбӣ ва олӣ дар шароити муосир дигар талаботи ҷомеаро қонеъ карда наметавонад. Аҷибаш ин аст, ки дар шароити босуръат тағйирёбандаи шароити иқтисоди ҷаҳонӣ ниёз ба хатмкунандагоне, ки дорои малакаҳои гуногун, тафаккури эҷодӣ ва биниши ғайримуқаррарӣ ба вазъияту падидаҳо мебошанд, зиёд шудааст. Ва дар натиҷа дар назди ҳайати омӯзгорон барои баланд бардоштани донишу малака ва маҳорати касбии онҳо мақсаду вазифаҳои ҷадид гузошта мешавад, зеро омӯзгор бояд ба талаботи ҷомеаи муосир аз ҷиҳати сатҳ ҷавобгӯ бошад ва шахси серталаб, «саводнок», хатмкунандае, ки натичаи баланди таълим нишон медиҳад, тарбия намояд.

Дар айни замон низоми таҳсилоти олӣ бо мушкилоти марбут ба таъмини рақобатпазирии он дар арсаи байналмилалӣ рӯ ба рӯ шудааст, ки роҳи он тавсеаи ҳамкории ҳамаҷониба ва ҷалби корфармоён аз бахшҳои гуногуни иқтисодиёт (ҳангоми таҳияи барномаҳои таълимӣ, омӯзиш ва баҳодиҳии натиҷаҳои фаъолияти муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ) ва таъсиси марказҳои таълимии инноватсионӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии

Тоҷикистон (Стратегияи миллии рушди маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 аз 29 сентябри 2020 с.) мебошад.

Яке аз самтҳои муосири чунин ҷустуҷӯ ба фазои таълимии донишгоҳи олии самти педагогӣ ворид намудани равиши салоҳиятнок барои ташаккули омӯзгори ояндаи математика мебошад.

Бо тақозои замон дар ҷустуҷӯи роҳҳои нави баланд бардоштани сифати таълим, самаранокии он дар баробари фаъолияти мақсаднок дар самти ошкор ва таҳкими нерӯи эҷодии хонандагон, рушди пойгоҳи моддию техникии таълим, истифодаи усулҳои нави пурмаҳсуле, ки қобилиятҳои эҷодиро инкишоф медиҳанд, талаботи наву нисбатан ҷиддие ба вуҷуд омадаанд, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф» (22 июли соли 2013, №1004), «Бистсолагии таҳсил ва рушди илмҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илм ва маориф», «Консепсияи миллии маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Стратегияи миллии рушди маориф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2030» асоснок карда шудааст.

Дар ин замина метавон хулоса намуд, ки доираи масъалаҳои зикргардида, мубрамияти мавзуи диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевнаро собит месозанд.

1. Диссертатсияи мазкур мутобиқ ба талаботи банди 53 – и Низомномаи шурои диссертатсионӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ гардидааст, иҷро шудааст. Диссертатсия дар ҷаласаи васеи кафедраи методикаи таълими математика ва технологияи иттилоотии МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» муҳокима гардида, ба ҳимоя тавсия гардидааст. Дар хулосаи МДТ «ДДХ ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» ба диссертатсия баҳои ҳамаҷонибаи объективӣ дода шуда, мусбат арзёбӣ гардидааст.

2. Диссертатсия ба талаботи бандҳои 32 – 33 – и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия кори илмӣ – таҳқиқотии анҷомёфта буда, пажӯҳиши ҳамаҷонибаи муайян намудани рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо (дар мисоли фанҳои математика ва физика)»-ро фаро мегирад.

3. Пешниҳоду хулосаҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, эътимоднок буда, онҳоро дар корҳои илмӣ – таҳқиқотӣ, раванди таълиму тарбияи мутахассисони оянда дар макотиби олӣ, такмили стандарту барномаҳои таълимию тарбиявӣ ва санадҳои қонунгузории соҳаи маорифи кишвар доир ба мавзуи таҳқиқшаванда метавон истифода намуд.

4. Мавзӯъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ), ки аз рӯи он ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА – 046 – и назди Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» мувофиқи фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 – уми апрели соли 2022, №124 ҳуқуқи қабули диссертатсияҳо барои ҳимоя дода шудааст, мувофиқ

мебошад. Ҳамзамон, таҳқиқот ба талаботи феҳристи ихтисосҳое, ки аз рӯи онҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дараҷа ва унвонҳои илмӣ дода мешаванд ва бо қарори раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, мувофиқат дорад.

5. Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ ва тавсияву пешниҳодҳои довталаб дар 28 номгӯйи интишороти илмӣ ба табъ расидаанд, ки саҳми шахсии муаллифро нишон медиҳанд. Мақолаҳои муаллиф, аниқтараш 7 адад мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нашр шудаанд ва ба мавзӯи таҳқиқоти диссертатсионӣ комилан мувофиқ буда, моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос мекунанд. Теъдоди маводи нашршуда ба талаботи банди 35 – и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, мувофиқ мебошад.

6. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Шарипова Фотима Абдуфаттоевна истифодаи мавод бе нишон додани маъхаз мавҷуд набуда, тамоми манбаъҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровара шудаанд, ки аз риоя шудани банди 33 – и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор), ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, шаҳодат медиҳад.

7. Рисола ба талаботи банди 31 –и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент, профессор) мувофиқат мекунад. Диссертатсияи мазкур аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои умумият ва ягонагии дохилӣ мебошад. Навгонии илмӣ ва муқаррароти барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи таҳқиқоти диссертатсиониро собит месозанд.

8. Таҳқиқоти диссертатсионии Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо(дар мисоли фанҳои математика ва физика)», дар доираи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) анҷом дода шудааст. Автореферат дар мутобиқат бо мантиқи таҳқиқ таҳия гардида, муҳтавои асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Натиҷаҳои илмие, ки унвонҷӯй ба даст овардааст, ба ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои дақиқ) мувофиқанд.

9. Комисссияи ташхисӣ талаботи банди 61 – уми Низомномаи шурои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – юми июни соли 2021, № 267 тасдиқ гардидааст, ба инобат гирифта, пешниҳод менамояд:

1) Диссертатсияи Шарипова Фотима Абдуфаттоевна дар мавзӯи «Рушди салоҳиятнокии омӯзгорони ояндаи математика тавассути ҳамгироии фанҳо(дар мисоли фанҳои математика ва физика)», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои педагогӣ аз рӯи ихтисоси 13.00.08 – Назария ва методикаи таҳсилоти касбӣ (13.00.08.01 – Назария ва методикаи фанҳои

дақиқ) ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА – 046 – и назди МДТ «ДДХ ба номи академик Б.Ғафуров» барои ҳимоя қабул карда шавад.

2) Ба ҳайси **муқарризони расмӣ** ба диссертатсияи мазкур шахсони зерин тавсия дода мешаванд:

1. **Нугманов Мансур** – доктори илмҳои педагогӣ, профессори кафедраи методикаи таълими математикаи МДТ “Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ”;
2. **Азимова Назира Самадовна** – номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи фанҳои математикӣ ва табиатшиносии муосири Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон.
3. Ба ҳайси муассисаи пешбар **Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С. Осимӣ** дар шаҳри Хуҷанд тавсия карда мешавад.

3). Барои нашри эълон оид ба ҳимоя ва ҷойгир намудани автореферат ва диссертатсия дар сомонаи МДТ «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров» ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

4). Барои чопи автореферат ба ҳуқуқи дастнавис дар теъдоди 100 нусха иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссия:** **Исломов О.А.**
доктори илмҳои педагогӣ, профессор,
узви шурои диссертатсионӣ

**Аъзоёни комиссия:** **Олов С.**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ

**Камолова М.Ф.**
номзади илмҳои педагогӣ, дотсент,
узви шурои диссертатсионӣ

Имзоҳои О.А.Исломов , С.Олов, М.Ф. Камолова-ротасдиқ мекунам
Сардори РК ва КМ МДТ “ДДХ ба
номи академик Бобоҷон Ғафуров” Наврӯзов Э.М.

7. 12. 2023с.